АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2015

**УДК:9-902-2А-14 Эрон**

**ТЕМУРИЁН М.**[1]

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР РАВАНДИ ИҶТИМОИИ ЭРОНИ МУОСИР

Дар мақола муаллиф масоили ҷомеашиносӣ ва ҷомеаписандии сиёсии ҷавононро дар заминаи раванди иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар замони ҳозира ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Барои баёни натиҷаи ниҳоӣ мусанниф кӯшида, ки андешаҳои сиёсӣ – иҷтимоии муҳаққиқини кишварҳои гуногун, минҷумла Англия, Олмон, Чин, Эрон ва ғайраро сармашқи кори худ намояд ва раванди ҷомеапазирии сиёсӣ ва авомили таъсиргузор бар онро дар табақаи ҷавонони Эрон мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Дар он аз назари равоншинохтии хонавода, қавмият ва гурӯҳи ҳамсолон ба масъала наздик шудан бамаврид дониста шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҷомеа, Ҷумҳурии Исломии Эрон, таҳқиқот, андешаҳои сиёсӣ – иҷтимоӣ, ҷавонон, равоншиносӣ, хонавода, қавм, гурӯҳи ҳамсолон, омилҳои таъсиргузар.

Ҷомеапазирии сиёсӣ аз равандҳои иҷтимоии омӯзишист, ки бо интиқоли арзишҳо ва ҳаракатҳои низоми сиёсии мавҷудбуда аз насл ба насли дигар мегузарад ва насли навро кӯмак мерасонад. Ин ҳолатро дар баробар бисёр кишварҳои ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсиашон муқтадир метавон дар раванди иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар байни ҷавонони муосир хеле равшан ба мушоҳида гирифт. Бинобар ин иҷтимоишавии сиёсӣ ин тартиб ё парвариши афрод ба сурате аст, ки аъзои коромадӣ ва фаъоли ҷомеаи сиёсӣ бошанд.

Ба ақидаи муҳаққиқи инглис Алион Авел, иҷтимоишавии сиёсӣ ва ёдгирии тадриҷӣ ин арзишҳо ва рафтори қобили қабул барои як низоми сиёсӣ дар ҳолати тағйирот аст.

Муҳаққиқони дигари инглис Олмут ва Повел муътақид бар онанд, ки ҷомеапазирии сиёсии раванди ҳифз ё дигаргунии фарҳангӣ сиёсӣ аст. Бинобар ин ҷомеапазирии сиёсӣ раванди ҳифз ва дигаргунии фарҳанги сиёсӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷомеапазирии сиёсӣ ба як маъно вориди фарҳанги сиёсӣ шудани афрод мебошад ва самтгириҳояшон нисбат ба ҳадафҳои сиёсӣ шакл мегирад. Ба ибораи дигар ҷомеапазирии сиёсӣ фароянди босамари ёдгирии афрод зимни ошно шудан ба низоми сиёсӣ аз тариқи касби иттилоот ва таҷрибаҳо ба вазифаи ҳуқуқ ва нақшҳои инфиродӣ дар ҷомеа аст. Мусаллам аст, ки ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Исломии Эрон ба қонуниятҳои исломии худраванди иҷтимоии худро пеш мебарад ва ҷавонони муосири кишвар низ дар навбати аввал тобеъ ба ҳамин раванд мебошанд ва сиёсати кишвари

[1] **Адрес для корреспонденции:** Махди Темуриен– соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН Республики Таджикистан. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки-33.тел: 2213223

худро эҳтиром доранд. Дар ин фароянд арзишҳо, ниҳодҳо, эътиқод ва одобу русум бешак аз насл ба насли дигар мегузарад [1, 193].

Муҳаққиқи олмонӣ Ферли дар тавсифи худ аз ҷомеапазирии сиёсӣ овардааст, ки он ба таври куллӣ ба маънои равандест, ки бадон васила аъзои як ҷомеа арзишҳои гуногуни физикӣ, технологӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва зебошиносии ҷомеаро ба тадриҷ дар саросари кишвар тайи давраи тӯлонӣ аз они худ мекунад. Ин раванди ҷомеапазирии сиёсии фарогир аст, яъне ҳамаи падидаҳоро фаро мегирад. Ҳатто он падидаҳоеро, ки хеле дури дур аз омӯзиши сиёсиянд. Ва ҳамин аст, ки натиҷаи ҷомеапазирии сиёсии ба ҳампайваста ва ба шакли кунишу вокуниш аст. Ин ба ҳар василае ба ҷавонони имрӯзи Эрон таъсири мусбати худро дорад ва дар кишвар ҷомеапазирии сиёсӣ раванди рӯ ба пеш аст ва дар ин асос ва омӯхтаҳои иҷтимоӣ ба раванди омӯзиш пайравӣ мекунад. Ин раванд пеш аз ҳама ва беш аз ҳама он унсурҳоеро талаб менамояд, ки бо ҳадафҳо ва арзишҳои сиёсӣ иртиботе муносиб дошта бошад.

Назарияпардозон ба ин маънӣ ба қишрбандии шаҳрвандон мутаваҷҷеҳ шуда, суоле пеш мегузоранд, ки оё мавҷудияти тафовутҳо дар мазоё ва судҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар инсонҳо гурӯҳҳо дар ин талош даргирии фаъол дар сиёсат нуфезе дорад ё на? Муҳаққиқони чиноӣ Урум дар ин замина ба ду мактаб ишора мекунад. Мактаби аввал нобаробариҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро, ки дар ҳар замина, ба вижа сармоядорӣ вуҷуд дорад, инъикос месозад. Ҷамъбасти мулоҳиза он аст, ки имтиёзоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имтиёзи бештару густурда дар сатҳи даргирии сиёсии шаҳрвандон мешавад.

Мактаби дигар натиҷаи ширкатро дар назар дорад. Ин мактаб бар он аст, ки ширкат дар сиёсат гурӯҳҳоро ба фурсатҳо муҷаҳҳаз месозад, ки ба ҷавонон, минҷумла ба ҷавонони Эрон аз ҳар паҳлу таъсири худро дорад. Бояд дар ин маврид ба тозиёнаҳои иқтисодию иҷтимоӣ барои коҳиши зиёнҳо роҳандозӣ шавад. Додани ҳаққи райъ ба афрод, озодӣ барои онон бор, ҳосил оварад [2, 154].

Ҳеҷ андешае вуҷуд надорад, ки дар Эрон робитаи мусбат байни пойгоҳи иҷтимоию ширкати сиёсӣ ва иқтисодиро нишон надиҳад. Ба иборати дигар мавқеияти болои як фард дар силсила табақабандии як ҷомеа нисбати болотаре аз ширкати сиёсиро нишон медиҳад. Ба таври кулли пойгоҳи иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки шомили ҷомеапазирии хонавода, гурӯҳи ҳамсолон, мадраса, донишгоҳу донишкада ва васоили иртиботи ҷамъ аст, ба раванди иҷтимоии ҷавонони Эрон бетаъсир нахоҳад буд.

Пеш аз он ҳама, ки хонавода яке аз аввалин ниҳоди иҷтимоист, таъсири зиёде дар ҷомеапазирии сиёсӣ дорад, бо ҳузури афроди хонавода дар сиёсат аст. Пас афроди хонавода дар ҷомеа ҷӣ бозтобҳое доранд. Ҷомеа бо пай бурдан ба ин мавзӯъ саъй мекунад дар афзоиши ширкати ҷавонон дар арсаи сиёсӣ ҳиссагузор бошад. Дар ин маврид беш аз ними ҷамъияти ҷомеаро ҷавонон ташкил мекунанд. Ва дар Эрон ҳам ҳамин тавр аст. Чун аз огоҳии сиёсӣ бархурдоранд, ҷомеапазирии онҳо сабаб мешавад, ки зимни суннатҳои мавҷуда ҷомеапазир бошанд [3,74].

Аз муҳаққиқон Вербо ва Ной дар заминаи асари «Пойгоҳи иҷтимоӣ – иқтисодӣ бар мушорикат» дар саҳнаи сиёсати Амрико ба натиҷае расидаанд, ки агар афрод аз лиҳози иқтисодӣ – иҷтимоӣ ба пойгоҳи болотаре расад, мизони сиёсии эшон низ бештар хоҳад шуд. Донишмандони зиёди улуми

иҷтимоӣ ва сиёсӣ мехоҳанд огоҳ бошанд, ки чӣ гуна ва чаро истеъдодҳои муайяни афрод онҳо ба боварҳо бо кунишҳо дар ҳавзаи сиёсат тела медиҳанд? Баҳс дар бораи ин ки оё ин вижагиҳо реша дар шахсияти зотӣ ва асосии афрод доранд, ки ин донишмандонро аз сӯйи равоншинохти иҷтимоӣ мебаранд. Инро мо ҳар нафас дар байни ҷавонони Эрон ба мушоҳида гирифтаем. Авомили равоншиносии иҷтимоӣ дар ширкати шаҳрванд дар сиёсати иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба қарори зайл аст:

**Иззати нафс**: Дар ҷомеаи кунунӣ бояд иззати нафс, эътимод доштан ба худ ва ҷомеаро дар назар бигирем.

**Эҳсоси қорӣ ва асаргузорӣ**: Асаргузорӣ шахсро дар ҷомеа мушаххас шиносо менамояд.

**Эҳсоси эътимод:** Дар ин маврид муҳаққиқи амрикоӣ *Роналд* Инкиҳорт,таъкид бар он дорад, ки омили густариши ҳимояти тӯдае аз нигоҳи демократӣ ва эҳсосӣ эътимод бар якдигар, аз нигоҳи фарҳангӣ ва маданӣ мебошад. Дар ин замина *Олмунд* Вербо ба натиҷа расидааст, ки эътимод ба якдигар шарти аслии ташкили равобити дувумист, ки бар ҳуқуқ дорад. Шахс бояд мухолифони худро ба чашми «мухолифони вафодор» бингарад. Дар ин назар шумо қудрати сиёсиро таслими онҳое мекунед, дар чорчӯби қонун фаъолият дошта бошанд [4, 21].

Дар ин фаъолиятҳо эҳсоси беқудратӣ ҷавонони кишвари Эрон муқобили эҳсоси қорӣ ва асаргузорӣ аст. Дар равоншиносии иҷтимоӣ, беқудратии як ҷараён ин фароянди ёдгирист. Зеро фард дар ин фароянд ёд мегирад, ки ҳар фаъолияти маҳкум ба шикастааст. Дар иртибот бо ҷавонони Эрон бояд пеш аз ҳама паҳлӯҳои масъаларо андеша намоянд, зеро ҳар гоҳ фард дар арсаи сиёсӣ ё иҷтимоӣ эҳсос кунад, ки талошҳояш ба ҷое намебарад ва он чӣ ба ҷое намерасад, фарёд аст, даст аз талош бармедорад.

Ниҳоят, бо таваҷҷуҳ ба андешаҳое, ки аз ҷомеапазирии сиёсӣ дар мисоли ҷавонони кунунии Эрон ироа шуд, метавон натиҷа гирифт, ки раванди ҷомеапазирии сиёсӣ дар ҳамаи афрод ва дар ҳар давра вуҷуд дорад. Дар ин маврид шинохти фард аз назари равоншиносӣ, қавмият, хонавода ва гурӯҳи ҳамсолон таҳти таъсири низоми сиёсӣ қарор хоҳад гирифт ва муҳим аст.

**Адабиёт**


1. Равшан Ҷамшед. Ҷомеапазирии сиёсӣ.-Теҳрон: Самт, 1995.-С.193
2. Масъуд Ниё Алӣ. Иртибототи сиёсӣ.-Теҳрон: Самт, 1995.- С.154.
3. Булум Вилиям. Назарияҳои низоми сиёсӣ. Тарҷумаи Аҳмади Нафрин. – Теҳрон: Ором, 1994.-С 74.
4. Руналд Инкиҳорт. Мушорикат ва сиёсат. Тарҷумаи Парвизи Алавӣ. – Теҳрон, 1994.-С.21


**ТЕМУРИЁН М.**

## РОЛЬ МОЛОДЕЖИ В СОЦИАЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ СОВРЕМЕННОГО ИРАНА

В данной статье рассматриваются влияющие факторы социализации молодёжи, такие как социальные, экономические и психологические обусловленности. Также рассматриваются другие факторы как этничество, честь и достоинство, чувство власти и силы и чувство слабости в обществе.

***Ключевые слова:*** политическая социализация, социальные факторы экономические факторы, психологические факторы, этничество, честь и достоинство, чувство слабости.

**TEIMOURIAN M.**

## THE ROLE OF YOUTH IN THE SOCIAL PROCESS OF MODERN IRAN

The paper discusses the influencing factors of socializations of the youth, such as social, economic and, psychological conditions. At the same time, it considers other factors related to ethnicity, honor and dignity, the emotion of power and the emotion of weakness in society.

***Key words:*** political, socializations social, factors, economic factors, psychological factors, ethnicity, honor and dignity, weakness.